# ҲИСОБОТИ ОМОРИ ДАВЛАТӢ

**Махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои гирифташуда кафолат дода мешавад**

**Барои риоя накардани тартиби пешниҳоди ҳисоботи муқарраршудаи омори давлатӣ ба мақомоти дахлдори оморӣ, ки он тибқи тартиби муқарарнамудаи қонун дар пешниҳод накардан ё саривақт пешниҳод накардан ифода меёбад, инчунин нодуруст пешниҳод намудани ҳисоботи оморӣ ё дигар маълумоти зарурӣ барои мушоҳидаҳои омории давлатӣ ва феҳристҳои давлатии воҳиди оморӣ, мувофиқи моддаи 515 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455 шахсони мансабдор ва шахсони ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.**

| Рамз | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| аз рӯи таснифоти умумии ҳуҷҷат-гузории идоравӣ ТУҲИ (ОКУД) | аз рӯи рақами ягонаи мушаххаси корхонаю ташкилотҳо РЯМ (ЕИН) | аз рӯи рамзи умумии корхонаю ташкилотҳо РУКТ (ОКПО) | аз рӯи таснифоти умумии намуди фаъолияти иқтисодӣ ТУНФИ (ОКЭД) | аз рӯи таснифоти умумимиллии тақсимоти объектҳои маъмурию ҳудудӣ ТУТОМҲ (ОКАТО) | аз рӯи таснифоти умумимиллии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора ТУМДҲИ (ОКОГУ) | аз рӯи таснифоти шакли моликият ТШМ (КФС) | аз рӯи таснифоти шакли ташкилӣ-ҳуқуқии субъектҳои хоҷагидор ТШТҲ (КОПФ) |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |

Ба куҷо пешниҳод карда мешавад______________________________
Хоҷагиҳои кишоварзӣ______________________________
Вилоят______________________________
Ноҳия______________________________
Шакли моликият______________________________

## Шакли № 7а – кишоварзӣ (гармхона)

Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «13» апрели соли 2022, №19 тасдиқ карда шудааст.

**Фаврӣ – моҳона**

Ҳамаи хоҷагиҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаашон ба 1-уми ҳар моҳ бо истифода аз утоқи шахсии ҳисоботсупоранда ҳисоботи мазкурро бо усули электронӣ пешниҳод менамоянд.

### ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАЙДОНҲОИ КИШТ ВА ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛИ ЗИРОАТҲО АЗ ГАРМХОНАҲОИ ДОИМАМАЛКУНАНДА

**«______»________________с.202__**

| № сатр | Нишондиҳандаҳо | Майдони кишт (метри квадратӣ) | | Ҳосили гирифташуда (сентнер) | | Фурӯхта шуд (сентнер) | | Дар захира қарор дорад (сентнер) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | дар моҳи ҳисоботӣ | аз аввали сол | дар моҳи ҳисоботӣ | аз аввали сол | дар моҳи ҳисоботӣ | аз аввали сол | дар моҳи ҳисоботӣ | аз аввали сол |
| А | Б | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| 1 | Ҳамагӣ майдони гармхонаҳо (сатрҳои 1=2+7+8+9+10) | | | х | х | х | х | х | х |
| | аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| 2 | Ҳамаи намуди сабзавотҳо - ҳамагӣ (сартҳои 2=3+4+5+6) | | | | | | | | |
| | аз ҷумла: | | | | | | | | |
| 3 | бодиринг | | | | | | | | |
| 4 | помидор | | | | | | | | |
| 5 | қаламфури булғорӣ | | | | | | | | |
| 6 | дигар намуди сабзавотҳо | | | | | | | | |
| 7 | Парвардаҳо (кучат), донна | | | | | | | | |
| 8 | Меваҳои ситрусӣ (лимон, мандарин) | | | | | | | | |
| 9 | Буттамевагиҳо (марминҷон, қулфинай, тути заминӣ) | | | | | | | | |
| 10 | Гулхонаҳо (ҳамаи намуди гулҳо), донна | | | | | | | | |

Роҳбар________________________ Сармуҳосиб_____________________«____» __________с. 202__

## Дастурамал

## оиди пур кардани ҳисоботи омории шакли №7а – кишоварзӣ (гармхона) «Ҳисобот дар бораи майдонҳои кишт ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳо аз гармхонаҳои доимамалкунанда»

Ҳисоботи шакли №7а – кишоварзӣ (гармхона)-ро ҳамаи хоҷагиҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаашон ба санаи 1- уми ҳар моҳ аз моҳи январ то моҳи декабр бо усули электронӣ пешниҳод менамоянд.

Гармхона - бинои ҳимоятшуда (пӯшида), ки барои парвариши парвардаҳо (кучат) ва зироатҳои кишоварзӣ дар ҳамаи фаслҳои сол истифода бурда мешавад.

Ҳисобот дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ пур карда мешавад. Ба маҳсулоти гармхона истеҳсоли ҳамаи маҳсулотҳо, ки дар гармхона кишт ва парвариш мегарданд, дохил карда мешавад.

Майдонҳои кишт ва ҳосили зироатҳо аз гармхона ба ҳисоботи шакли 7-кишоварзӣ «Ҳисобот дар бораи рафти ҷамъоварии ҳосил, кишти зироатҳои тирамоҳӣ ва шудгори тирамоҳӣ» дохил карда намешавад.

Дар вақти ҷамъбасти ҳисоботи омории шакли 1-МУК «Маҳсулоти умумии кишоварзӣ» ҷамъи истеҳсоли маҳсулот аз замини кушод дар асоси ҳисоботи омории шакли 7-кишоварзӣ бо истеҳсоли маҳсулоти аз гармхонаҳои доимамалкунанда дар асоси ҳисоботи омории шакли 7а – кишоварзӣ (гармхона) гирифташуда, нишон дода мешавад.

Майдони кишти зери плёнка ба майдони гармхона дохил карда намешавад ва ҳамчун маҳсулотҳои аз замини кушод гирифташуда дар ҳисоботи омории шакли 7 – кишоварзӣ нишон дода мешаванд.

Ҳисобот дар давоми моҳи ҳисоботӣ ва бо ҷамъи афзоянда аз руи воҳиди ченакҳои муайянкардашуда майдони кишт (ба ҳисоби метри квадратӣ (100 метри квадратӣ баробар аст ба 1 сотих), ҳосили гирифташуда (ба ҳисоби сентнер (10 сентнер баробар аст ба 1 тонна ва 1 сентнер баробар аст ба 100 кг), фурӯхта шуд (ба ҳисоби сентнер) ва дар захира қарор дорад (ба ҳисоби сентнер) пур карда мешавад.

Дар сатри 1 ҳамагӣ майдони кишти зери гармхона бо воҳиди ченаки метри квадратӣ (ба ҳисоби метри квадратӣ (1 сотих баробар аст ба 100 метри квадратӣ) нишон дода мешавад.

Дар сатри 2 -юм майдони кишт, ҳосили гирфташуда, маҳсулоти фурӯхташуда ва дар захира қарордоштаи ҳамаи намуди сабзавотҳо нишон дода мешавад. Ба ҳамин монанд дар сатри 3 аз ҷумла бодринг, сатри 4- помидор, сатри 5 қаламфури булғорӣ ва сатри 6 дигар намуди сабзавотҳо нишон дода мешаванд.

Дар сатри 7 майдони кишт, ҳосили гирифташуда, фурӯхташуда ва дар захира қарордоштаи парвардаҳо (новобаста аз он, ки барои фурӯш ё ба замини кушод гузаронидан) нишон дода мешавад.

Дар сатри 8 майдон, ҳосили гирифташуда, фурӯхта шуд ва дар захираи карор доштаи меваҳои ситрусӣ нишон дода мешавад.

Дар сатри 9 майдон, ҳосили гирифташуда, фурӯхташуда ва дар захира қарор доштаи буттамевагиҳо (марминҷон, қулфинай, тутизаминӣ) нишон дода мешавад.

Дар сатри 10 майдони гулхонаҳо ҳамаи намуди гулҳо, шумораи гулҳои истеҳсолшуда (новобаста аз он, ки барои фурӯш ё гулзоркунӣ) нишон дода мешавад.

Дар сурати дар хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ мавҷуд будани гармхонаҳои доимамалкунанда ҳисоботи омории шакли 7а-кишоварзӣ (гармхона) пур кардашуда ба мақомоти омори маҳаллӣ дар муҳлатҳои пешбинигардида пешниҳод карда мешавад.

Барои хоҷагиҳои аҳолӣ майдонҳои кишти гармхона аз рӯи мушоҳидаҳои омории шакли 1-ХА «Майдони кишти зироатҳо дар хоҷагиҳои аҳолӣ» ва ҷамъоварии ҳосил аз рӯи мушоҳидаҳои омории шакли 2-ХА «Ҷамъоварии ҳосили зироатҳо дар хоҷагиҳои аҳолӣ» пур карда мешавад.

Бо дар назардошти ҳар моҳ бо ҷамъи афзоянда ҷамъбаст намудани ҳисоботи мазкур дар ҳисобот сутунҳои иловагӣ оид ба нишондиҳандаҳои дар моҳи ҳисоботӣ илова гардиданд, ки дар сурати тағйирот ёфтани нишондиҳандаҳои ҳисобот тағйиротҳои дар давоми як моҳ ба даст овардашуда дар сутуни дар давоми моҳ нишон дода мешавад ва нишондиҳандаҳои бо ҷамъи афзоянда бо тариқи худкорӣ ҷамъкунанда аз аввали сол ҷамъбаст мегардад. Дар сурати бетағйир мондани ҳисобот дар сутуни дар моҳи ҳисоботӣ рақами сифр (0) гузошта мешавад.

Дар сутуни 1 майдони кишти зироатҳо аз руи воҳиди ченак дар давоми моҳи ҳисоботӣ ва дар сутуни 2-юм миқдори нишондиҳанда аз руи воҳиди ченак аз аввали сол нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои 3-юм ва 4-ум аз миқдори умумии ҳосили гирифташуда аз руи даврият дар давоми моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои 5-ум ва 6-ум аз миқдори умумии маҳсулоти истеҳсолшуда маҳсулоти фурухташуда аз руи даврият дар давоми моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол нишон дода мешавад.

Дар сутунҳои 7 ва 8 бошад, аз миқдори умумии маҳсулоти истеҳсолшуда аз руи даврият дар моҳи ҳисоботӣ ва аз аввали сол маҳсулоти дар захира қарор дошта нишон дода мешавад.

Ҳисоботи омории мазкур бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб тасдиқ карда шуда, дар мӯҳлати муайяншуда бо истифода аз утоқи шахсии ҳисоботсупоранда бо усули электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Шахсони имзокунанда барои эътимоднокии нишондиҳандаҳои дар ҳисобот овардашуда ва сари вақт дар муҳлатҳои муайяншуда пешниҳод намудани он ҷавобгар мебошанд.